# Таҳлили камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(дар асоси тадқиқоти гузаронидашудаи сатҳи зиндагӣ дар соли 2009)

Масъалаҳои (проблемаҳои) паст кардан ва аз сар гузаронидани камбизоатӣ дар Тоҷикистон аҳамияти аввалин-дараҷаи давлатӣ дорад. Ин боиси зарурати он гардид, ки ҳуҷҷати оид ба Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ таҳия карда шавад. Омӯхтани проблемаҳои мазкур барои Ҷумхурӣ барои таҳияи самтҳои мақсадноки сиёсати давлат ва қабули тадбирҳо оид ба соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, махсусан оилаҳои камбизоату камтаъмин заруранд.

Сарфи назар аз он ки афзоиши устувори иқтисодӣ дар якчанд солҳои охир муваффақиятҳои назаррас, комёбиҳои мамлакат мушоҳида мешавад, камбизоатӣ ва сатҳи пасти зиндагӣ барои бештари сокинони Тоҷикистон масъалаҳои муҳим боқӣ мондаанд. Ба ҳамин тартиб, пастшавии сатҳи камбизоатӣ дар худ яке аз вазифаҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони вай чӣ дар дохили мамлакат чӣ дар сатҳи байналхалқӣ, инчунин умуман, ҳамаи ҷомеаи Тоҷикистонро инъикос мена-моянд.

Андозагирии камбизоатӣ ва таҳлили камбизоатӣ бо исти-фодаи маълумотҳои сифатӣ ва миқдорӣ бо ду сабаб аҳамияти муҳим доранд:

Якум, ба шарофати андозагирии аниқи камбизоатии ҳамаи ҷабҳаҳои вайро дар ҳар кадом гурӯҳи иҷтимоию иқтисодӣ мо метавонем муайян кунем, ки кадом тадбирҳои сиёсӣ-иқтисодӣ барои фардо самаранок бошанд.

Дуюм, гарчанде мо дар бораи камбизоатӣ дар мамлакат тасаввуроти васеъ дорем, барои арзёбии эҳтимолии тадбирҳои ояндаи таъсиррасонии сиёсӣ дар гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа, таҳлили муфассали аниқ, ки камбизоатиро тавсиф карда тавонанд, зарур аст.

Ҳисоб карда баромадани сатҳи камбизоатӣ барои гурӯҳҳои ҷудогонаи иҷтимоию демографии аҳолӣ аз рӯи маълумотҳои макроиқтисодӣ ғайриимкон аст, бинобар ин,

ояндаи рушди усули арзёбӣ дар навбати аввал ба рушди усули гузаронидани тадқиқот вобастааст.

Амалан мушаххас намудани табақаҳои камбағали аҳолӣ, танҳо дар мавриди мавҷуд будани тасаввуроти аниқ дар бораи камбизоатӣ ва дар бораи мақсадҳои омӯзиши камбизоатӣ имконпазир аст. Аммо, дар бахши арзёбии камбизоатӣ ягон хел консепсия ё муайянкунандаи мушаххасу мувофиқашудаи сатҳи байналхалқӣ вуҷуд надорад.

Бо назардошти мавҷуд будани ашёҳои аввалиндараҷаи зарурӣ ё бо назардошти даромаду ҳароҷоти пулии аҳолӣ ба истифодаи параметрҳои шартии ҳудуд ё камбизоатии амиқ даҳфоиза (детсил), бистфоиза (квинтил), индекси амвол ё дигарҳо ё дар асоси сабати молҳои истеъмолии эҳтёҷоти аввалия камбизоатиро муайян намудан мумкин аст.

Ҷиҳати дуруст таҳия намудани стратегияи сабук кардани камбизоатӣ зарур аст, ки ба таври равшану возеҳ табиати камбизоатӣ дар мамлакат дарк карда шавад. Иттилооти мавҷуда нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон камбизоатӣ аз тарафи бештари одамон ҳамчун зуҳуроти бисёрҷониба баррасӣ карда мешавад. Вақте, ки аз сокинони деҳот хоҳиш мекунанд, дар бораи камбизоатӣ шарҳ диҳанд, онҳо пеш аз ҳама, норасоии либос, камчинии маҳсулот, кофӣ набудани музди кор, кам будани нафақа зиёд будани навъҳои гуногуни андозу пардохтҳоро далел меоранд, ҳатто баъзе мусоҳибон дар рӯйхати нишондиҳандаҳое, ки камбизоатиро муайян мекунад, нарасидани замин ва чорвои хонагиро ҳамроҳ кардаанд.

Масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон ин зуҳуроти нав нест, лекин дар солҳои охир ин мавзӯъ ба проблемаи марказӣ табдил ёфтааст.

Ислоҳоти иқтисоди бозорӣ, ки дар Ҷумҳурӣ гузаронида мешаванд, аз як тараф, дар мамлакат имкониятҳои нав кушоданд, аз дигар тараф проблемаҳои навро ба вуҷуд оварданд. Ҳодисаҳои табиӣ ва фавқулодда, канда шудани робитаҳои иқтисодӣ сабаби бухронии амиқи иқтисодии мамлакат гардиданд, онҳо ба вайрон шудани инфрасохторҳо ва аз кор озод кардани қувваҳои корӣ, чӣ дар шакли ҳатмии

ошкоро (бо назардошт), чӣ дар шакли пинҳонӣ оварда расонданд. Сатҳи баланди беқурбшавӣ боиси камшавии даромадҳои аслии аҳолӣ гардида, ба афзоиши нобаробарии иқтисодӣ ва афзоиши сатҳи камбизоатӣ, зиёд шудани шумораи бекорони ба қайд гирифтанашуда мусоидат кардаанд, инчунин дар афзудану тақвияти камбизоатӣ ҳиссаи худро гузоштанд.

Проблемаҳои некӯаҳволии аҳолӣ ба таври мустақим ё ғайримустақим аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани яққатор тадқиқот- ҳои интихобӣ дар солҳои охир омӯхта шудаанд.

## 1.1 Сатҳи камбизоатӣ

Вазъияти камбизоатӣ дар Тоҷикистон дар асоси истеъмолот, дар асоси маълумотҳои тадқиқоти сатҳи зиндагии дар соли 2009 гузаронидашуда нишон медиҳад, ки андозаи некуаҳволии аҳолӣ, ба меъёри истеъмол ва таъмини хурокворӣ  ба сари ҳар кас  сатҳи камбизоатии умумии мутлақ ва шадидро муайян кардааст.

Бо вухуде беҳбудиҳое, ки дар солҳои охир дар сатҳи зиндагӣ рух дода буданд, камбизоатӣ дар Тоҷикистон хеле паҳн шудааст.

Дар охири соли 2009- ум  46,7 фоизи аҳолӣ камбизоат буда  аз ин миқдор 13,8 фоизи аҳолӣ ниҳоят камбизоат (қашшоқ) буд, ба таври дигар гӯем, аз ҷамъи се нафар камбизоат якеашон қашшоқ буд.

Диаграммаи 1: Таносуби а[олие, ки дар сат[и мутлаґи пастарини зиндагЂ ґарор доранд.




Дар сатҳи ҷумҳурӣ шумораи камбизоатон дар байни шаҳру деҳот фарқияти зиёд вуҷуд дорад. Дар ҳақиқат камбизоатӣ дар шаҳрҳо нисбат ба деҳот 14,1 фоиз камтар аст, (яъне 36,7 фоиз дар шаҳр ва дар деҳот бошад – 50,8 фоизро ташкил мекунад).

Чӣ тавре, ки таҳлили тамоюлоти камбизоатӣ нишон медиҳад камбизоатии байни шаҳру деҳот баъди соли 2007 зиёд шудааст, ки сабаби он аз баландшавии босуръати сатҳи камбизоатӣ дар деҳот буд. Бояд қайд кард, ки сатҳи ниҳоят камбизоатӣ дар шаҳрҳо пастар аст: дар шаҳрҳо 9,5 фоиз ва дар деҳот 15,6 фоизро ташкил медиҳад.

Диаграммаи 2: Rисми а[олие, ки поёнтар аз хати камбизоатb зиндагb мекунад, ша[р ва де[от




Камбизоатӣ дар синни кӯдакӣ - камбизоатии давраи муҳими рушди зинаи зиндагӣ аст. Камбизоатӣ дар синни кӯдакӣ сабабу зуҳуроти камбизоатии калонсолон аз сар гузаронидаро дар бар гирифта, фарқияти асосӣ дар сабаб ва таъсирот аст. Таъсири камбизоатӣ дар синни кӯдакӣ метавонад оқибатҳои якумра дошта бошад. Дар кӯдакӣ осебпазирӣ аз камбизоатӣ хеле баланд аст. Шумораи камбизоатон, инчунин нуқсон ва шадидин он дар хонаводаҳое, ки 2-3 ва бештар кӯдак доранд, баландтар аст.

Диаграммаи 3: Таносуби а[олие, ки поёнтар аз хати камбизоатb зиндагb мекунад: кудакон ва калонсолон



## 1.2 Ҷараёни инкишофи камбизоатӣ

Аз соли 2003 то 2009 рушду нумӯи иқтисодиёти Тоҷикистон ба назар мерасад.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) воқеӣ дар ин давра ҷамъан ба миқдори 47,4 фоиз ё ба ҳисоби солона ба андозаи 7 фоиз афзудааст. Вобаста ба афзоиши аҳолӣ, ин афзоиш дар миқёси солонаи рушди иқтисодиёт ба сари ҳар нафар 5 фоиз мебошад. Бо афзоиши истеъмолоти зиёд, камбизоатӣ ба таври назаррас поён рафтааст. Дар мавриди истифода бурдани ченак аз баробарии қобилияти харидории $2,15 доллар дар як рӯз, теъдоди камбизоатӣ аз 64 фоизи соли 2003 дар соли 2009[1)] - 39,6 фоизро ташкил кардааст.

Тағйирот дар шумораи камбизоатон (баробарии қобилияти харидорӣ $2,15 доллар дар солҳои 2003, 2007 ва 2009 (ба ҳисоби фоиз)

| | ҳамагӣ | шаҳр | деҳот |
|---|---|---|---|
| 2003 | 63,5 | 59,1 | 65,1 |
| 2007 | 40,9 | 40,3 | 41,1 |
| 2009 | 39,6 | 30,3 | 43,4 |

Тағйироти мутлақ (2009 дар муқоиса бо солҳои 2003-2007)

| | ҳамагӣ | шаҳр | деҳот |
|---|---|---|---|
| 2003 | -23,9 | -28,8 | -21,7 |
| 2007 | -1,3 | -10,0 | 2,3 |

[1)] Дар назар бояд гирифт,ки баробарии гобиляти харидории S 2.15 доллар дар ин хо бо магсади мугоиса намудан истифода шудааст, зеро [амин хати камбизоатЬ дар соли 2007 низ истифода шуда буд.

[2)] Камбизиоатии мутлаг дар асоси муносибати арзиши маводи асосии зарури [исоб карда шудааст,ки он дар як мо[ ба 195 сомонЬ баробар аст.

Агар фоизи сатҳи камбизоатии мутлақ аз руи тадқиқоти сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистон дар соли 2003-ум 72,4 фоизро ташкил дода бошад, пас дар соли 2009[2)] ба 46,7 фоиз расидааст. Хамчунин сатҳи камбизоати дар деҳот аз 74 фоиз ба 51 фоиз паст рафтааст ва дар мавзеъҳои шаҳрнишин бошад пастравии камбизоати аз 69 фоиз ба 37 фоизро ташкил додааст.

Тағиирот дар шумораи камбизоатон (сатҳи камбизоатӣ) дар солҳои 2003,2007 ва 2009 ба ҳисоби фоиз

| | ҳамагӣ | шаҳр | деҳот |
|---|---|---|---|
| 2003 | 72,4 | 68,8 | 73,8 |
| 2007 | 53,5 | 49,4 | 55,0 |
| 2009 | 46,7 | 36,7 | 50,8 |

Тағйироти мутлақ (2009 дар муқоиса бо солҳои 2003-2007)

| | ҳамагӣ | шаҳр | деҳот |
|---|---|---|---|
| 2003 | -25,7 | -32,1 | -23,0 |
| 2007 | - 6,8 | -12,7 | - 4,2 |

Зимнан, сатҳи ниҳоят камбизоатӣ аз 42 фоиз соли 2003 дар соли 2009 ба 14 фоиз расид.

Пастравии ниҳоят камбизоатӣ[3)] дар деҳот нисбатан баланд буд. Дар натиҷа дар охири соли 2009 дар деҳот нисбат ба шаҳрҷойҳо ниҳоят камбизоатӣ камтар ҷой дошт, аммо камбизоатии умумӣ дар деҳот зиёдтар аст.

[3]) Хати сат[и ни[оят камбизоатb ин озугаворb аст, зеро он гиммати «сабади маводи мукаррарии озугавориро», ки барои шахс барои гирифтани 2,250 каллория дар як рез зарур аст, инъикос менамояд. Арзиши сат[и ни[оят камбизоатии дар охири соли 2009 дар як мо[ ба 124 сомонb баробар буд..

Тағйирот дар шумораи камбизоатон (сатҳи камбизоатӣ дар солҳои 2003, 2007 ва 2009 ба ҳисоби фоиз

| тавсиф | 2003 | 2007 | 2009 | Тағйирот: | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2007 нисбат ба 2003 | 2009 нисбат ба 2007 |
| Хати камбизоатӣ – Ҳамагӣ (195 сомони) | | | | | |
| шаҳр | 68,8 | 49,4 | 36,7 | -19,4 | -12,7 |
| деҳот | 73,8 | 55,0 | 50,8 | -18,8 | -4,2 |
| ҳамагӣ | 72,4 | 53,5 | 46,7 | 18,9 | -6,8 |
| Хати нихоят камбизоатӣ – Ҳамагӣ (124 сомони) | | | | Тағйирот: | |
| | | | | 2007 нисбат ба 2003 | 2009 нисбат ба 2007 |
| шаҳр | 39,4 | 18,9 | 9,5 | -20,5 | -9,4 |
| деҳот | 42,3 | 16,4 | 15,6 | -25,9 | -0,8 |
| ҳамагӣ | 41,5 | 17,1 | 13,8 | -24,4 | -3,3 |

Замимаи 1

## Шумораи миёнаи аъзоёни хонавода
## (аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо дар соли 2009)

| | |
|---|---|
| Душанбе | 4,4 нафар |
| Суғд | 5,5 нафар |
| Хатлон | 6,7 нафар |
| НТҶ | 7,1 нафар |
| ВМКБ | 6,8 нафар |
| Дар Ҷумҳурӣ | 6,1 нафар |

Замимаи 2

## Даромади моҳонаи ҳар як аъзои хонавода ба ҳисоби миёна (аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо дар соли 2009)

(бо сомонӣ)

| | |
|---|---|
| Ҳамагӣ | 235,2 |
| Душанбе | 324,3 |
| Суғд | 236,4 |
| Хатлон | 193,1 |
| НТҶ | 263,5 |
| ВМКБ | 210,5 |

## Даромади моҳонаи ҳар як аъзои хонавода ба ҳисоби миёна ( аз рӯи тақсимоти гурӯҳҳои даҳфоиза (детсил))

(бо сомонӣ)

| | |
|---|---|
| Гурӯҳи 1 | 35,8 |
| Гурӯҳи 2 | 60,6 |
| Гурӯҳи 3 | 71,9 |
| Гурӯҳи 4 | 96,1 |
| Гурӯҳи 5 | 134,5 |
| Гурӯҳи 6 | 186,5 |
| Гурӯҳи 7 | 251,9 |
| Гурӯҳи 8 | 318,0 |
| Гурӯҳи 9 | 428,4 |
| Гурӯҳи 10 | 772,0 |

**Даромади моҳонаи ҳар як аъзои хонавода ба ҳисоби миёна ( аз рӯи тақсимоти гурӯҳҳои бистфоиза (квинтил))**

(бо сомонӣ)

| | |
|---|---|
| Гурӯҳи 1 | 48,2 сомонӣ |
| Гурӯҳи 2 | 83,8 сомонӣ |
| Гурӯҳи 3 | 160,7 сомонӣ |
| Гурӯҳи 4 | 284,4 сомонӣ |
| Гурӯҳи 5 | 599,3 сомонӣ |

**Замимаи 3**

**Хароҷоти умумии моҳонаи ҳар як аъзои хонавода ба ҳисоби миёна ( аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо дар соли 2009)**

( бо сомонӣ)

| | |
|---|---|
| Ҳамагӣ | 240,3 |
| аз он ҷумла | |
| Душанбе | 401,3 |
| Суғд | 241,0 |

| | |
|---|---|
| Хатлон | 201,5 |
| НТЧ | 201,3 |
| ВМКБ | 218,0 |

**Хароҷоти моҳонаи ҳар як аъзои хонавода барои маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳисоби миёна (аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо дар соли 2009)**

(бо сомонӣ)

| | |
|---|---|
| Ҳамагӣ | 149,3 |
| аз он ҷумла | |
| Душанбе | 257,6 |
| Суғд | 138,1 |
| Хатлон | 132,6 |
| НТЧ | 127,0 |
| ВМКБ | 141,2 |

**Хароҷоти моҳонаи ҳар як аъзои хонавода барои молҳои ғайриозуқа ба ҳисоби миёна ( аз рӯи маълумоти тадқикоти интихобии хонаводаҳо дар соли 2009)**

(бо сомонӣ)

| | |
|---|---|
| Ҳамагӣ | 57,3 |
| аз он ҷумла | |
| Душанбе | 87,4 |
| Суғд | 63,1 |
| Хатлон | 46,5 |
| НТЧ | 47,0 |
| ВМКБ | 45,0 |

Замимаи 4

**Хароҷоти моҳонаи ҳар як аъзои хонавода барои хизматрасонӣ пулакӣ ба ҳисоби миёна (аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо дар соли 2009)**

( бо сомонӣ)

| | |
|---|---|
| Ҳамагӣ | 33,7 |
| аз он ҷумла | |
| Душанбе | 56,3 |
| Суғд | 39,8 |
| Хатлон | 22,4 |
| НТҶ | 27,4 |
| ВМКБ | 31,9 |

Замимаи 5

## Сохтори хароҷоти истеъмолӣ (аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо дар соли 2009, ба ҳисоби фоиз)

| | Ҳамагӣ | Шаҳр | Деҳот |
|---|---|---|---|
| Хароҷот, ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| Аз он ҷумла: | | | |
| Хароҷот барои маҳсулоти озуқаворӣ (якҷоя бо машрубот) | 62,1 | 59,5 | 64,7 |
| Хароҷот барои молҳои ғайриозуқа | 23,8 | 25,0 | 22,7 |
| Барои химатрасонӣ | 14,0 | 15,5 | 12,6 |

Замимаи 6

**Баҳодии субъективии хонаводаҳо**
**(аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо**
**дар соли 2009)**

1. Оид ба вазъи молиявии хонаводаҳо:

а) 37,6 фоизи хонаводаҳо ҷавоб доданд, ки на чандон қаноатманданд.

б) 8,7 фоизи хонаводаҳо ҷавоб доданд, ки умуман қаноатманд нестанд.

2. Таъсири бӯҳрони иқтисодиро дар вазъияти молиявии худ эҳсос мекунад?

68,7 фоизи хонаводаҳо ҷавоб доданд, ки эҳсос мекунанд.

3. Дар 12 моҳи оянда вазъияти молиявии Шумо чӣ хел мешавад ?

21,4 фоиз ҷавоб доданд, ки тағйир намеёбад.

4.3 фоиз ҷавоб доданд, ки андаке бад мешавад.

4. Оё Шумо сатҳи ҳозираи истеъмолоти маҳсулотро дар оилаатон чӣ хел меҳисобед?

44,3 фоизи хонаводаҳо ҷавоб доданд, ки кофӣ нест.

5.Оё Шумо, сатҳи имрӯзаи хароҷоти оилаатонро барои хӯроквoрӣ

чӣ хел меҳисобед?

44,9 фоизи хонаводаҳо ҷавоб додаанд, ки кофӣ нест.

6. Дар 4 ҳафтаи охир Шумо ё аъзои хонаводаи Шумо аз сабаби нарасидани озуқаворӣ мебоист, нисбат ба истеъмоли лозима кам хӯрад, оё ин барои Шумо зарур буд?

23,1 фоизи хонаводаҳо «ҳа» ҷавоб доданд.

7. Дар давоми 4 ҳафтаи охир Шумо ё ягон каси хонаводаи Шумо маҷбур шуданд, ки ягон ғизое, ки Шумо хӯрдан намехостед, истеъмол карданд, аз сабаби мавҷуд набудани маблағ?

21,4 фоизи хонаводаҳо «ҳа» ҷавоб доданд.

Замимаи 7

**Сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**(аз рӯи синну сол дар соли 2009)**

(ба ҳисоби фоиз)

| | Ҳар ду ҷинс | мард | зан |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 46,7 | 46,7 | 46,6 |
| Дар синни 0-14 сола | 50,7 | 50,9 | 50,6 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дар синни 15-24 сола | 44,4 | 43,2 | 45,5 |
| Дар синни 25-62 сола | 45,1 | 45,6 | 44,8 |
| Аз синни 63 сола ва калонсолтар | 42,0 | 42,6 | 41,5 |

## Сатҳи ниҳоят камбизоатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз рӯи синну сол дар соли 2009)

(ба ҳисоби фоиз)

| | Ҳар ду ҷинс | мард | зан |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 13,8 | 13,6 | 14,0 |
| Дар синни 0-14 сола | 16,3 | 16,2 | 16,5 |
| Дар синни 15-24 сола | 12,0 | 11,7 | 12,2 |
| Дар синни 25-62 сола | 12,9 | 12,6 | 13,2 |
| Аз синни 63 сола ва калонсолтар | 12,5 | 11,8 | 13,1 |

Замимаи 8

**Сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**(аз рӯи маълумотҳои тадқиқоти интихобии хонаводаҳо**
**дар соли 2009)**

(ба ҳисоби фоиз)

| | Ҳамагӣ | Шаҳр | Деҳот |
|---|---|---|---|
| Дар Ҷумхурӣ | 46,7 | 36,7 | 50,8 |
| Душанбе | 19,1 | 19,1 | - |
| Суғд | 52,5 | 44,7 | 57,0 |
| Хатлон | 50,2 | 50,7 | 50,1 |
| НТҶ | 44,2 | 26,4 | 48,0 |
| ВМКБ | 34,5 | 38,0 | 33,5 |

Замима 9

## Сатҳи ниҳоят камбизоатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз рӯи маълумотҳои тадқиқоти интихобии хонаводаҳо дар соли 2009)

(ба ҳисоби фоиз)

| | Ҳамагӣ | Шаҳр | Деҳот |
|---|---|---|---|
| Дар Ҷумхурӣ | 13,8 | 9,5 | 15,6 |
| Душанбе | 2,6 | 2,6 | - |
| Суғд | 17,1 | 12,4 | 19,8 |
| Хатлон | 15,8 | 16,7 | 15,5 |
| НТҶ | 10,8 | 3,2 | 12,5 |
| ВМКБ | 6,0 | 5,0 | 6,3 |